**Тақриз**

**ба автореферати Бобокалонова Рано Норбаевна дар мавзӯи “Хусусиятҳои луғавию семантикии услуби “Таърихи ҳумоюн”-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.- забони тоҷикӣ**

Мусаллам аст, ки охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар таърихи забони адабии тоҷик давраи махсус ба шумор меравад, зеро дар ин давра рӯйдодҳои нав ва таҳаввулоти бузург дар тамоми қашрҳои ҷомеа ва аз ҷумла забон таъсири зиёде расонидааст. Таълифи “Таърихи ҳумоюн”-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ низ маҳз ба ҳамин давра марбут мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионие, ки Бобокалонова Рано Норбаевна оид ба махсусиятҳои луғавию семантикии услуби “Таърихи ҳумоюн”-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ анҷом дод, дар забоншиносии тоҷик бори аввал дар қолаби монографӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Он аз муқаддима, чаҳор боб, хулоса ва феҳристи адабиёт ташкил намуда, аз 177 саҳифаи чопи компютерӣ иборат мебошад.

Боби аввали рисола таҳти унвони **“Муҳити таърихии таълиф ва китобати “Таърихи ҳумоюн”-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ** ва накши он дар забон ва услуби асар” ном дошта аз се фасл иборат аст.

Боби дуюми рисола **“Хусусиятҳои корбурдии воҳидҳои луғавӣ дар “Таърихи ҳумоюн”-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ”** мебошад, ки аз чаҳор фасл иборат мебошад.

Дар боби сеюми рисола, ки **“Корбурди маводи ономастикӣ дар асар”** унвон дораду аз се фасл иборат мебошад, фарогири номҳои шахс-антопоним, топоним, ойконим, гидроним ва монанди инҳоро ташкил медиҳад.

Дар боби чаҳори рисола бошад, таҳти унвони **“Хусусиятҳои корбурди имконоти семантикию сарфии забон дар “Таърихи ҳумоюн”** ном гирифта, дар он масъалаҳои услубиёти сохтори грамматикии асари бадеӣ дар тафовут аз услубиёти луғавӣ яке аз мавзӯоти хеле кам таҳқиқшуда дар услубшиносии тоҷик ба шумор меравад. Боби мазкур аз се фасл иборат буда, дар он хусусиятҳои луғавию семантикии корбурди ҳиссаҳои номии нутқ ва накши онҳо дар шаклгирии услуби асари мазкур нишон дода мешавад.

Дар хулоса муҳаққиқ натиҷаи таҳқиқи худро бо далелҳо дар 11 банд ҷамъбаст намудааст, ки аз арзиши баланди илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Лозим ба зикр аст, ки дар автореферати Бобокалонова Рано Норбаевна дар баробари дастовардҳо баъзе камбуду норасоиҳо роҳ ёфтааст, ки қайди онҳоро зарур медонем:

1.Фасли аввали боби якуми рисола муфассал шарҳ дода шудааст (чаҳор саҳ.), аммо се фасли боби чорум дар ним саҳифа баррасӣ гардидааст;
2.Ҳарчанд ки рисола дар сабки баланди илмӣ иншо гардидааст, вале ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад (саҳ.11, 23, 31).

Албатта, ин иштибоҳот сатҳӣ буда, арзиши баланди илмӣ ва муҳтавои онро ба ҳеч ваҷҳ коста намегардонад.

Натиҷаҳои илмӣ ва андешаҳои таҳлилии диссертатсия дар чаҳор мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, ки дар нашриёҳои тақризшавандаҳои бақайдгирифтаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Муаллифи диссертатсия-Бобокалонова Рано Норбаевна бо ҳимояи таҳқиқоти мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.- забони тоҷикӣ арзанда мебошад.

**Муқарриз:**
н.и.ф., дотсент, мудири
кафедраи забони тоҷикӣ ва
таъмини иттилоотии идораи ДДЗТ
ба номи Сотим Улуғзода Ҷабборова Шарофат Сафаралиевна

**Суроға**: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к.Муҳаммадиев 17/6
**Тел.**: +992917125555
**E-mail:** rectorat@ddzt.tj info@ddzt.tj

Имзои дотсент Ҷабборова Шарофат Сафаралиевнаро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳои
ДДЗТ ба номи Наҷмуддинов Шоҳиддин Мирзомуддинович
С.Улуғзода 03.10.2019